## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ ба диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология

Комиссияи экспертӣ дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ оид ба диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» дар ҳайати се нафар интихоб карда шуданд:

1. **Комилов Одина Комилович** – узви шуро, доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандшиносӣ ва хокшиносӣ, раиси комиссия;
2. **Саидраҳмонзода Саидҷон Саидбурҳон** – узви шуро, номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандшиносӣ ва хокшиносӣ, аъзои комиссия;
3. **Лоиқзода Мустафо Лоиқ** – узви шуро, номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология, аъзои комиссия.

Диссертатсияи мазкур ба омӯзиши пиряхҳои набзӣ ва хусусиятҳои динамикии онҳо бахшида шудааст, ки қобилияти дар муддати кӯтоҳ якбора афзоиш додани суръати ҳаракат ва тай намудани масофаҳои дурро доранд. Дар кори илмӣ қонуниятҳои ба вуҷуд омадан, такроршавӣ ва давомнокии набзҳои пиряхӣ таҳлил гардида, вобастагии онҳо аз андоза, морфология ва шароити маҳаллии пиряхҳо муайян карда мешавад. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи махсус ба минтақаҳои пиряхшавии фаъоли Помир равона шуда, хусусиятҳои энергетикӣ, коэффициентҳои пиряхӣ ва фарқиятҳои баландии байни минтақаҳои ғизодиҳӣ ва аблатсия мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Қисми муҳими таҳқиқот ба арзёбии хатарҳои вобаста ба пиряхҳои набзӣ ва кӯлҳои пиряхӣ дар шароити гармшавии глобалии иқлим бахшида шудааст. Дар диссертатсия равандҳои ташаккули кӯлҳои сарбандӣ, ноустувории онҳо ва эҳтимоли рахнашавии ногаҳонӣ таҳлил шуда, таъсири чунин ҳодисаҳо ба муҳити зист, аҳолӣ ва инфрасохтор нишон дода мешавад. Инчунин, масъалаи набудани рӯйхати мукаммали кӯлҳои пиряхии хатарнок дар минтақа баррасӣ гардида,

зарурати таҳияи чораҳои мониторинг ва идоракунии хавфҳои табиӣ асоснок карда мешавад. Барои дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои дар пешгузошташуда ҳалли вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст.

Барои дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои дар пешгузошташуда ҳалли вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст.

1. Такмил додани методология ва технологияҳои мушоҳидаи мониторинги пиряххҳои набзӣ ва кӯлҳои пиряхие, ки хатари кандашавӣ доранд.

2. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба кӯлҳои пиряхӣ, сатҳи хавфнокии онҳо, тағйирёбии динамикаи пиряххҳои набзӣ ва равандҳои ҳаракати массавии ҷинсҳои кӯҳӣ дар асоси натиҷаҳои зондкунии дистансионии Замин, ҳамчунин, муқоиса ва санҷиши ин натиҷаҳо бо маълумоти таҳқиқоти қаблӣ.

3. Арзёбии хавфи эҳтимолии зуҳури хатарҳои дурдасти геологӣ, аз ҷумла кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта, ва таҳияи харитаҳои махсуси минтақаҳои хавфнок.

4. Коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ҳифзи иншооти хоҷагии халқ аз таъсири манфии пиряххҳои набзӣ, аз ҷумла пиряххҳои Хирсон ва Меҷдор.

**Навоварии** илмии кори диссертатсионӣ дар саҳмгузорӣ ба рушди илми заминшиносӣ ва омӯзиши равандҳои хатарноки глятсиологӣ ифода меёбад.

Аз ҷумла:

1. Методологияи баҳодиҳии хавфи ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта бо дарназардошти таъсири мутақобилаи пиряххҳои набзӣ ва равандҳои гидрологӣ такмил дода шуд.

2. Нақши пиряххҳои набзӣ дар ташаккули кӯлҳои дорои хатари кандашавӣ арзёбӣ гардид.

3. Тағйироти кӯлҳои пиряхӣ дар заминаи тағйирёбии иқлим дар ҳудуди Помир бо истифода аз мушоҳидаҳои дарозмуддат ва сенарияҳои иқлимӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуданд.

4. Қонуниятҳои фазоӣ-вақтии ташаккули кӯлҳои хатари кандашавидошта вобаста ба хусусиятҳои морфометрии пиряххо ва тағйирёбии иқлими маҳаллӣ муайян гардиданд.

5. Усули мониторинг ва пешгӯии динамикаи ҳаракати пиряххҳои набзӣ дар шароити тағйирёбии иқлим коркард шуд.

6. Роҳҳои ҳалли муҳандисӣ-техникӣ барои пешгирии ташаккули кӯлҳои пиряхии хатарнок дар ҳавзаи дарёи Абдуқаххор пешниҳод ва асоснок карда шуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи мазкур ба шиносномаи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология, ба бандҳои 3, 9, 14 ва 17 мутобиқат мекунад:

3. Арзёбии ҳолати речаи обии ҳудудҳо ва оқибатҳои геоэкологии тағйирёбии он вобаста ба тағйирёбии андозаҳои иқлим. Таҳлили геоэкологии таъсири танзими ҷараёни дарёҳо ба экосистемаҳои обӣ, соҳилӣ-обӣ ва заминӣ, инчунин асосноккунии роҳҳои ҳифз ва баркарорсозии экосистемаҳои обӣ ва заминӣ.

9. Бӯҳронҳои глобалӣ ва минтақавии экологӣ – тағйироти мураккаби муҳити атроф, ки ба бадшавии шадиди шароити зиндагӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ оварда мерасонанд. Паёмадҳои геоэкологӣ аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ.

14. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои рушди равандҳои хатарноки табиӣ ва технотабиӣ, пешгӯии рушди онҳо, арзёбии хатар ва хавф, идоракунии хавф, чораҳои пешгирикунанда барои коҳиш додани паёмадҳои равандҳои фалокатбор, ҳифзи муҳандисии ҳудудҳо, биноҳо ва иншоот.

17. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо.

**Эътимоднокии натиҷаи диссертатсия.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267" тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Натиҷаҳои асосии** диссертатсия бо намуди мақола дар конференсияҳои гуногуни байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шуданд. Аз ҷумла: конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҳамкориҳои байналмилалии давлатҳои ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (солҳои 2018-2028), «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040), «Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)», «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» (соли 2025) 27-майи соли 2023, конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Масоили геологияи муҳандисӣ, гидрогеология, гидрология ва коркарди конҳои кандании фоиданоки Тоҷикистон ва худудҳои ҳамсарҳад», бахшида ба 80-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор, Академики академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон Комилов Одина Комилович 25-уми феврали соли 2022, конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Дастовардҳои муосир ва масоили мавҷудбуда дар илми геология (илмҳои заминшиносӣ)» 24-уми соли майи 2024.

Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои

рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванч)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсияи унвонҷӯ Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва накши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванч)»-ро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои асосии Стратегияву Барномаҳои давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои табиӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Мазмун ва мухтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ пурра мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 16 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, ташкил медиҳанд, 12 адади он дар дигар нашрияҳо ва маводи конференсияҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295) пурра ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология тавсия карда мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбуллоро дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва накши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванч)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию ва минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд.

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва накши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванч)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию ва минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон ба ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мувофиқат доранд ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

**Кошурников Андрей Викторович**, доктори илмҳои геологию минералогӣ ходими илмии пешбарӣ Лабораторияи усулҳои математикӣ ва пешгӯйии геокриологии факултети геологияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов;

**Насруллоев Фарҳод Хуҷаевич** – доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси Бехатарии фаъолияти ҳаётӣ ва ҳифзи муҳити зист, дотсент, постдокторанти Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои техникӣ, профессор Комилов О.К.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои геологию минералогӣ Саидраҳмонзода С.С.

номзади илмҳои геологию минералогӣ Лоиқзода М.Л.

Имзои «Комилов О.К.»- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«01» 05 соли 2026

Имзои «Саидраҳмонзода С.С.»- ро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши кор бо кадрҳои Вазорати
саноат ва технологияҳои нави
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳимзода Б.А.
«01» 05 соли 2026

Имзои «Лоиқзода М.Л.»- ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ
тобовар ва сейсмологияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кароматуллои Ю.
«02» 05 соли 2026